# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷииТоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти илми дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 07.10.2023, №25**

Дар бораи сазовор донистани Иматова Манижа Қудратовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти № 18/шд тамдидшуда) аз 01-уми июли соли 2023, суратмаҷлиси № 16 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Иматова Манижа Қудратовна 3 сентябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Солҳои 2001-2012 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №40 ноҳияи Дарвоз таҳсил карда, пас аз хатми он ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 хатм намудааст. Солҳои 2016-2018 зиннаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим

Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода) хатм намудааст.

Иматова Манижа Қудратовна фаъолияти меҳнатиашро дар кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода) оғоз намудааст.

Бо роҳбарии доктори илми филология **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** дар мавзуи «**Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)** ба пажуҳиши илмӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи англис Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илми филология, профессор Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

**Муқарризони расмӣ:** Мухторов Зайнидин Мухторович - доктори илми филология, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ва Камолова Гулрухсор Рустамовна номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияӣ муқоисавии Амонзода Ширин Шодӣ Донишгоҳи мазкур, ва устодони кафедраи мазкур доктори илми филология, профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, котиби илмии ҷаласа Гулова Ганҷина бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи **Иматова Манижа Қудратовна** кори ба анҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовор **барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ,** мебошад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин микдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд**:

**[1-М].** Иматова М.Қ. Ташаккули дискурс дар Ғарб\ М.Қ.Иматова // Паёми донишкадаи Забонҳо.- Душанбе,2020.-№4(40).- С.60-64.ISSN 2226-9355.

**[2-М].** Иматова М.Қ. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои ҷумлаи содаи дутаркибаи тоҷикӣ ва англисӣ дар дискурси сиёсӣ /М.Қ. Иматова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, 2022.-№4(99).-С.108-112.ISSN 2219-5408.

**[3-М].** Иматова М.Қ. Корбурди мухотаб дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ /М.Қ. Иматова // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф.- Душанбе, 2023.- №1(41).- С.204-207.ISSN 2617-5320.

**[4-М].** Иматова М.Қ. Турсунов Ф.М. Роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои фразеологии дискурси сиёсӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ.\ М.Қ. Иматова. Ф.М. Турсунов// Паёми Донишгоҳи забонҳо.- Душанбе,2023.-№1(49).- С.13-20.ISSN 2226-9355.

**б) Мақолаҳои дар дигар нашряҳои илмӣ ба табърасида:**

**[5-М]** Иматова М.Қ. Оид ба тарҷумаи тоҷик \М.Қ.Иматова// масъалаҳои мубрами омӯзиши забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ (маҷмуаи мақолаҳои устодон, докторантон ва магистрантон).-Душанбе, 2019.-С.110-116.

**[6-М]** Иматова М.Қ. Шинохти дискурс дар илми забоншиносӣ/ Масъалаҳои муҳими омӯзишу тадрисӣ забонҳои хориҷӣ (Маводи конфренсияи ҷумҳурявии илмӣ амалӣ).- Душанбе, 2021.-С.246-250.

**[7-М]** Иматова М.Қ. Таърих ва пайдоиши мафҳуми дискурс/ М.Қ.Иматова// Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавии омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот (Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ).-Душанбе, 2021.-С.165-168.

**[8-М]** Imatova M.K. The concept of discourse in modern linguistics\\ Current issues and prospects for the development of scientific research. - France, 2022.-p200-206.

**[9-М].** Иматова М.Қ.- Роҷеъ ба роҳҳои ифодаи мухотаб дар дискурси сиёсӣ ва хусусияти тарҷумаи он аз забони тоҷикӣ ба забони англиси /М.Қ. Иматова//Таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ дар замони муосир (маҷмӯаи мақолаҳои устодон, докторантон ва магистрон).-Душанбе, 2023.-С.68-74.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1**. Тақризи доктори илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти руси ДДБ ба номи Носири Хусрав Юсупова Зарина Розиқовна мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А). Агар аз тарафи муҳаққиқ дар қисмати русии автореферат тарҷумаи ҷумлаҳои мисол овардашуда ба забони русӣ навишта мешуданд, қиммати илми кор боз ҳам беҳтар мешуд.

Б). Дар ҷо-ҷои автореферат хатогиҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ низ мавҷуданд.

**2**. Тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Раҳмонова Наргис Шарифовна мусбӣ буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А). Агар дар автореферат муаллиф мисолҳоро бештар меовард, кор боз ранги дигар мегирифт.

Б). Дар автореферат хатогиҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасад.

**3**. Тақризи номзади илми филология, дотсенти кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Саъдиева Гулистон Фатоевна мусбӣ буда, ба автореферат эрод надорад.

**4**. Тақризи номзади илми филология,дотсенти кафедраи забон ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологии “МИСИС” дар шаҳри Душанбе, Абдуллоева Заррина Фаттуллоевна мусбӣ буда, ба автореферат 2 эрод гирифтааст:

А). Тарҷумаи англисии номи мавзуи таҳқиқотӣ тибқи қоидаҳои забони англисӣ бояд бо ҳарфҳои калон навишта шаванд;

Б). Автореферат аз хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ холӣ нест;

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна ба таҳқиқ ва омӯзиши **Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)** бахшида шуда, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар диссертатсияи мазкур маротибаи аввал масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба хусусияти забонии дискурси сиёсӣ дар забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Ба мабнои таҳлилу таҳқиқи муқоисавӣ дар ин кори пажуҳишӣ роҳу воситаҳои муносиби тарҷумаи ҷумлаҳои дискурси сиёсӣ ба забони англисӣ бо таваҷҷуҳ ба воҳидҳои луғавӣ ва дастурии он ва бо такя ба мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот дар боб ва фаслҳои рисола комилан татбиқ гардидаанд, ки мувофиқатии вазифаҳо ва хулосаҳо аз ин дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои илмии он имконоти назариявии олимони забоншинос ва тарҷумашиносро дар бахши дискурси сиёсӣ афзоиш хоҳанд дод ва дар раванди омӯзиши хусусиятҳои забонии он ҳамчун асоси илмӣ хидмат хоҳанд кард. Диссератсияи мазкур, ҳамчунин, барои рушди минбаъдаи таҳқиқи муқоисавии дискурси сиёсӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва хусусияти тарҷумаи воҳидҳои забон дар дискурси сиёсӣ асосҳои илмӣ-назариявӣ фароҳам хоҳад овард. Дастовардҳои кори таҳқиқотии мазкур метавонанд ҳангоми таҳияи назарияи хусусии тарҷумаи матнҳои сиёсӣ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ ва баръакс ва ҳаллу фасл намудани мушкилоти муодилнокии воҳидҳои луғавӣ ва дастурии забон мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки тарзу воситаҳои хоси таҳқиқи муқоисавии хусусиятҳои забонии дискурси сиёсӣ метавонанд дар раванди омӯзиши бахши луғат ва дастури забонҳо ҳамчун маводди муфиди илмӣ-амалӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия ба

танзими забони дискурси сиёсии забони тоҷикӣ аз нигоҳи услуби воҳидҳои забон ва муқоисаи онҳо бо воҳидҳои забони англисӣ ва, ҳамчунин, омӯзиши нозукиҳои тарҷумаи воҳидҳои забонии дискур сисиёсӣ мусоидат хоҳанд кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқ боз ҳам дар он аст, ки қолабҳову намунаҳои таҳлили воҳидҳои забон дар дискурси сиёсӣ метавонанд ҳангоми таҳқиқи воҳидҳои ҳамонанд дар мисоли забонҳои дигар низ мавриди истифодаи амалӣ қарор гиранд.

Бешубҳа, мавод ва тавсияҳои амалии кори диссертатсионии мазкур дар раванди таҳия ва гузаронидани лексияҳо оид ба забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ, тадриси курсҳои махсус дар муассисаҳои гуманитарӣ барои донишҷӯёни дараҷаи бакалавр, магистрантон, докторантон (Phd) дар таҳияи рисолаҳо, ҳамчунин, таҳияи фарҳангҳои луғоти махсус, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва ғайра метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** аз ҳисоби корҳои анҷомдодаи муаллиф аз лиҳози истифодаи маълумоти саҳеҳ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маводди илмӣ-таҳқиқотӣ, пешниҳоди тавсияҳои ақидаҳои илмӣ-назариявии диссертант асоснок мегардад. Натиҷагирӣ ва тавсияҳои кори диссертатсионии мазкур бо такя ба таҳлилу баррасии маводди боэътимоди назариявии забоншиносии муқоисавӣ, тарҷумашиносӣ муяссар гаштаанд. Гузашта аз ин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи мавриди назар бо он асоснок карда мешаванд, ки дар рафти таҳлилу баррасии масаъалаҳои марбут ба мавзуи диссертатсия аз методҳои илмии боэътимод истифода карда шудааст, ки бевосита имкони таҳлили мантиқан дуруст ва саҳеҳи воҳидҳои забон ва нишон додани роҳу воситаҳои тарҷумаи онҳо дар дискурси сиёсии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ фароҳам оварданд, ки натиҷаҳо бесобиқа буда, барои таҳқиқоти минбаъда дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ҳамчун маводди боэътимод хидмат хоҳанд кард.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби ӯ хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ

ва англисӣ аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума бори аввал мавриди таҳқиқу баррасии махсус қарор гирифтааст. Ҳангоми таҳсил дар докторантураи назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муаллифи диссертатсия аз рӯйи он марҳила ба марҳила кори таҳқиқотӣ бурда, маводди арзишманди назариявӣ ва амалӣ ҷамъоварӣ намудааст ва ба натиҷаҳои мантиқӣ ноил гаштааст, ки муҳтавои асосии онҳо дар нашрияҳои муҳаккиқ дар маҷаллаҳои таҷризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Диссертант муаллифи 9 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 07 октябри соли 2023, №25 дар бораи ба Иматова Манижа Кудратовна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 10 нафар овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раисикунандаи Шурои
диссертатсионӣ, профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.
07.10.2023с.